# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳло Ҷума фарогирандаи ҷанбаҳои қонунгузорӣ ва масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро, баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин марҳилаи рушди давлатдории миллӣ, то ба ҳол таҳқиқоти маҷмуӣ, ба хусус, ба забони давлатӣ оид ба масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон анҷом наёфтааст. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсонро ба вуҷуд овард.

Воқеияти ҳуқуқии имрӯз ҳануз аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар рафтори қонунии шахс дар сатҳи зершуури он, на тамоми аҳолии Тоҷикистон талаботи қонунҳои дахлдорро, ки дар рафтори қонунии ангезаи инсонӣ инъикос ёфтаанд, риоя карда метавонанд.

Таҷассуми талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтори қонунии субъектҳо шарти зарурии тартибот дар ҷомеа мебошад. Ин аст, ки рафтори ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳавасманд карда мешавад, ки ин ба қонеъ гардонидани манфиатҳои шахс мусоидат намуда, ба рафтори ҳуқуқӣ мусоидат намуда, барои ӯ низоми мусоид фароҳам меорад.

Дар баробари падидаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ангезаҳои ҳуқуқӣ ва рафтори қонунии инсон дар зери таъсири омилҳои объективӣ

ва субъективӣ ташаккул меёбанд, ки дар он инъикоси на танҳо муносибати мусбат нисбат ба қонун, воқеияти ҳуқуқӣ ё умуман низоми ҳуқуқӣ хос аст. Инъикоси манфии зуҳури рафтори ғайриқонунии шахс ин худшиносии шахс ба ҷуз боварии аз ҳад зиёд ба озодии мутлақ ва иҷозатдиҳӣ ба ҳама кор, чизе дигаре нест ва натиҷаҳои манфии иҷтимоии он ин ё амал ё беамалие мебошад, ки манфиатҳои қонунии аъзои ҷомеаро поймол ва ё вайрон мекунанд.

Муқаррароти мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки омӯзиш ва таҳлил, инчунин аз нав дида баромадани як қатор муқарраротҳои назариявӣ, ки умуман устувор, балки аз ҷиҳати консептуалӣ нав ҳисобида мешаванд, механизмҳои муассир, аз ҷумла дар шароити муосир, маҳз муҳими ташаккул ва рафъи мушкилоти инҳирофшудаи ҳавасмандгардонии рафтори қонунии инсон таҳлил карда шуда, мушкилиҳои зиёдро ба бор наоранд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомпазируфтаи Мирзозода Шаҳло Ҷума маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити имрӯза мубрамияти хоси худро доро мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, баинобатгирии таҷрибаи байналмилалӣ, инкишофи забони давлатӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, зарурати такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, меъёрҳо вобаста ба масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон, ба миён омадааст. Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Мирзозода Ш.Ҷ. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таҷрибаи судӣ ва решакан кардани ҷинояткорӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ оид ба масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба рушди институти мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилотҳо дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан ба маврид аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмии муаллифи рисола, аз ҷумла 2 китоби дарсӣ ва 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, 1 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Ш.Ҷ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Мирзозода Ш.Ҷ. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Холиқзода Абдураҳим Ғаффор** – доктори илмҳои ҳуқушиносӣ, профессор, Директори Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саъдизода Ҷаҳонгир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи давлатии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Миралиев И.Қ.

Имзои Шарофзода Р.Ш., Назаров А.Қ. ва Миралиев И.Қ. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«02» июли 2024 с.